# **Т А Қ Р И З**

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз дидгоҳи талабот ба муносибати босалоҳият ба таълим хеле умда буда, дар он таҳқиқу татбиқи асосҳои назариявию амалӣ ва методии муносибати босалоҳият дар низоми нави таълиму тарбия ва корбурди технологияи фаъоли таълим дар мисоли омӯзиши каломи манзум дар МТМУ-ҳо ва муайян намудани нақши технологияи муосири таълим дар ташаккул ва такомули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон дар раванди омӯзиши каломи манзум, методикаи технологияи муосири педагогӣ ва коркарду татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилотӣ, муқоисаи муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт ва методикаи анъанавии таълими адабиёт, бахусус каломи мавзун ва муайян кардани шабоҳат ва фарқияти онҳо, таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии барномаву китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, дастуру васоити таълимӣ доир ба он ва муайян намудани арзишу норасоии онҳо, ичунин ташхис ва муайян намудани ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқии матнҳои манзуми адабӣ (дар мисоли рубоӣ, ғазал, достон ва ғайра) ва нақши онҳо дар ташаккулу такомули салоҳиятҳои хонандагон бо мисолу пешниҳодҳо ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд иброз дошт, ки масоили ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон дар раванди таълими фани адабиёти тоҷик яке аз равандҳои педагогии самаранок дар ташкилу ҳавасмандкунии фаъолнокии таълимӣ-маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ барои аз худ намудани донишҳои илмӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ бо истифода аз роҳу воситаҳои дидактикии фаъолгардонии таълим маҳсуб мeёбад. Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат, ки аз тарафи муҳаққиқ бори нахуст методикаи

таълими каломи манзум дар шароити низоми салоҳиятнокӣ дар МТМУ-ҳо таҳқиқ ва озмоиш гардида, усулҳои таълими ашъори лирикӣ ва асарҳои назмии ҳамосии тоҷикӣ-форсӣ пешкаш гардидаанд, ки ин комилан қадами аввалинест.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқоти мазкурро назарияи педагогика, усулҳои фаъоли таълими ба муносибати босалоҳият нигаронидашуда ташкил додаанд. Дар таҳқиқ ва таҳияи рисолаи илмӣ муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз манбаъҳо ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотии дастрасшуда, аз ҷумла асарҳои назариявию амалии донишмандони соҳаи методикаи таълим ва адабиётшиносӣ, таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода барад.

Муаллиф дар охири ҳар боб озмоишу пажӯҳиши амалӣ ва натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст кардааст. Дар хулоса диссертант масъалаҳои ба миёнгузоштаашро мавриди омузишу таҳқиқи амиқ ва ҷиддӣ қарор дода, натиҷагирӣ намуда, роҷеъ ба муҳиммияти ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ баровардааст ва инчунин тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Таҳлилҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд, метавонад барои омӯзгорони МТМУ ҳангоми таълими фани «Адабиёти тоҷик», омӯзгорони омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва устодони факултаҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳо ҳангоми таълими фанни “Методикаи таълими адабиёти тоҷик” мавриди истифода қарор гиранд, тавсияҳои илмию методии пешниҳодшударо дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

Ба ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз

рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент. Декани факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлати Данғара — Ҳасанов Ф.З.

Тел: 901.99.51.56

E-mail: farxod-xasanov@inbox.ru

Имзои н.и.п., и.в.дотсент Ф.З.Ҳасанов-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

25.11.2024